## ТАҚРИЗ

ба авторефeрати диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Палавонов Амоншо Муминович дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст.

Дар диссертатсия омӯхтани асосҳои назарию амалии истифодаи технологияҳои навини инноватсионӣ, зарурати асоснок такмил додани роҳу усулҳои судманди истифода аз технологияҳои ҳозиразамони педагогӣ, мавқеи муҳими илми педагогика ва психологияи имрӯза зимни истифодаи технологиҳои муосир дар таълими фанни таърихи тоҷик, мувофиқати назарияи технологияи инноватсионии таълим ба мақсаду вазифаҳо ва роҳу усулҳои фаъоли таълим ҳангоми дарси фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷиҳати татбиқи усулҳои инноватсионии баланд бардоштани сифати таълим, муайян намудани нақши технологияҳои инноватсионӣ ва самарабахшии истифодаи онҳо, дурнамо ва муаммоҳои татбиқи онҳо дар раванди таълим ва андӯхтани таҷрибаи истифодаи ин технологияҳо байни хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ гузаронидаи муаллиф ва натиҷагирӣ аз онҳо шарҳу тавсиф шудаанд.

Арзишмандии кори диссертатсионии Палавонов Амоншо Муминовичро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии татқиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика аз ҷумла, тибқи назария ва методикаи таълиму тарбия таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;

- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни ҷанбаҳои педагогии истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ҳангоми таълими

фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;

- мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ ба нақшаи таҳиякардашуда мувофиқат менамояд;

- муаллиф кӯшиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;

- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки шароитҳои педагогӣ ва роҳу усулҳои самарабахши истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;

- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои татқиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;

- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори олимони ватанию хориҷӣ, анъанаву арзишҳои миллӣ, татқиқотҳои олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода кардааст.

Дигар аз кори назаррасе, ки муҳаққиқ дар раванди таҳқикот анҷом додааст, аз ҷониби мавсуф ба субут расонидани таҳлилу арзёбии нақшаву барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии фанни таърихи халқи тоҷик аст. Дар ин қарина муҳаққиқ объективона андешаву хулосаҳои худро иброз намуда, дар бобати номукамалии онҳо андеша иброз намудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи барнома нисбати кор бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар китобҳои дарсӣ таҷдиди назар карда шаванд; роҳу усулҳои гуногуни истифодаи технологияи муосири инноватсионӣ коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд; тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди таълими таърихи халқи тоҷикро дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар самти ташаккули малакаҳои кор бо ин технологияҳои муосир таъмин хоҳанд кард.

Дар баробари дастовардҳо дар фишурдаи кор баъзе камбудӣ ва норасоӣ ба назар мерасад:

1. Арзиши илмии автореферат бештар мегардид, агар муҳаққиқ роҳу усулҳои самарабахши истифодаи кор бо технологияҳои муосири инноватсиониро дар барномаи таълимии фанни таърихи халқи тоҷик пурратару васеътар ва дақиқ нишон медоданд.
2. Новобаста аз возеҳии забони фишурда, риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои пунктуатсия ва имло, дар автореферат хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд.

Бояд қайд намуд, ки норасоиву нуқсонҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Хулоса, диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва
гуманитарии Консерваторияи миллиии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов: __________ Латифзода Д.Н.

«_29_» _10_ 2024

Имзои Латифзода Д.Н. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Консерваторияи миллиии
Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов. __________Каримов М.Т.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Ҳусейнзода,55.
Тел: +992(37) 2-37-07-10, 907-07-02-44.
Почтаи электронӣ: dilovarl@mail.ru